# 20-умин давраи «Озмуни наттоқони забони ҷопонӣ» дар Тоҷикистон







28 феврали соли 2026 дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ДБЗХТ) дар шаҳри Душанбе 20-умин давраи «Озмуни наттоқони забони ҷопонӣ» дар Тоҷикистон баргузор гардид. Ҳамчунин, барои пешниҳоди ҷоизаҳо аз ҷониби намояндагии «AAR Japan», ширкатҳои «T&J Consulting» ва «Sapporo» кӯмак расонида шуд

Озмун аз ҷониби Сафорати Ҷопон дар Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи омӯзгорони забони ҷопонӣ дар Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ДБЗХТ) ва бо дастгирии Намояндагии JICA дар Тоҷикистон ташкил карда шуд.

Дар маросими ифтитоҳи чорабинӣ Сафири Ҷопон дар Тоҷикистон хонум Фурута Кейко аҳамияти ин озмунро барои рушди ҳамдигарфаҳмӣ ва таҳкими муносибатҳои дӯстона миёни мардумони Ҷопон ва Тоҷикистон таъкид намуда, ба ҳамаи иштирокчиён муваффақият орзу кард. Ректори ДБЗХТ хонум Жило Гулназарзода, дар навбати худ, аз рушди фаъоли ҳамкориҳои академӣ бо донишгоҳҳои ҷопонӣ ёдовар шуд. Ӯ қайд намуд, ки айни ҳол шаш нафар донишҷӯи донишгоҳ дар се донишгоҳи Ҷопон ба муҳлати як сол таҳсил доранд. Ҳамзамон, донишҷӯи курси чоруми бахши забони форсии Донишгоҳи Осака Юта Уэмура ба муҳлати шаш моҳ дар ДБЗХТ таҳсил намуда истодааст.

Ректор ҳамчунин таъкид кард, ки сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Рахмон ба Ҷопон ба рушди робитаҳои таълимӣ такони нав бахшид. Дар доираи ҳамкориҳои минбаъда омӯзгори забони ҷопонӣ Садирисламова дар моҳи марти соли 2026 дар барномаи кӯтоҳмуддати такмили ихтисос дар Ҷопон иштирок хоҳад кард. Илова бар ин, Донишгоҳи забонҳои хориҷии Токио ният дорад дар соли таҳсили 2026–2027 ду нафар донишҷӯро ирсол намояд.

Дар толори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ДБЗХТ) 26 нафар иштирокчӣ маҳорати худро намоиш доданд, ки миёни онҳо донишҷӯёни ДБЗХТ, Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, Литсей-интернати «Хотам ва П.В.» ва Маркази забон ва фарҳанги ҷопонӣ «КОКОРО» буданд. Тақрибан 100 нафар, аз ҷумла шаҳрвандони Ҷопони муқими Тоҷикистон, дар чорабинӣ иштирок намуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои озмун аъзои ҳакамон ба иштирокчиёни зерин сертификат ва ҷоизаҳо тақдим намуданд:

**Сатҳи пешрафта**
Ҷойи якум: Сабзалиева Шукрона (донишҷӯи ТМУИЯ)
Ҷойи дуюм: Каримова Шахзода (донишҷӯи ТМУИЯ)
Ҷойи сеюм: Қурбонов Тимур (донишҷӯи «КОКОРО»)
Ҷоизаи махсус: Хабиева Риана (донишҷӯи «КОКОРО»)
**Сатҳи ибтидоӣ – нақли азёд**
Ҷойи якум: Кодиров Алиҷон (донишҷӯи «КОКОРО»)
Ҷойи дуюм: Маҳмадраҳимзода Фаридун (донишҷӯи ТМУИЯ)
Ҷойи сеюм: Исмайлов Назрӣ (донишҷӯи «КОКОРО»)
**Қиссагуӣ – сатҳи ибтидоӣ**
Ҷойи якум: Заидов Шаҳром (донишҷӯи «КОКОРО»)
Ҷойи дуюм: Қаноат Симин (донишҷӯи «КОКОРО»)
Ҷойи сеюм: Мубалиев Довуд (донишҷӯи ТМУИЯ)

Ғолибоне, ки дар сатҳи пешрафта ҷойҳои якум ва дуюмро ишғол намуданд, дар Озмуни осиёимиёнагии ҳунари суханронӣ бо забони ҷопонӣ, ки моҳи май дар шаҳри Бишкек,

Қирғизистон баргузор мегардад, иштирок хоҳанд кард.

## Зинаи болоӣ

**Ҷойи аввал:**
Сабзалиева Шукрона




**Ҷойи дуюм:**
Каримова Шахзода




**Ҷойи сеюм:**
Қурбонов Тимур



**Ҷоизаи махсус:**
Хабиева Риана



**Даври ибтидоӣ – азхудкунӣ**

**Ҷойи аввал:**
Қодиров Алиҷон




**Ҷойи дуюм:**
Маҳмадраҳимзода Фаридун




**Ҷойи сеюм:**
Исмайлов Назрӣ



**Қиссагуӣ – сатҳи ибтидоӣ**

**Ҷойи аввал:**
Заидов Шаҳром



**Ҷойи дуюм:**
Қаноат Симин



**Ҷойи сеюм:**
Мубалиев Довуд

